HZTTRMY
HOZIRGI ZAMON TA'LIM-TARBIYA TIZIMINI
RIVOJLANTIRISH: MUAMMO VA YECHIMLAR"
XALQARO ILMIY-AMALIY KONFERENSIYA
DENOV, 10-OKTABR 2025 YIL
in-academy.uz

# ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ – ҚАДАМИ НАВ ДАР РУШДИ ТАЪЛИМИ ҒОИБОНА

**Умарализода М.**
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, муаллими калони кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ тел: Email: mansur_2210@mail.ru, телефон: 939401040
**Қувватов И.**
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, ассистенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ тел: Email: ibod_3131@mail.ru, телефон: 931014016
https://doi.org/ 10.5281/zenodo.17331130

**Аннотатсия.** Мақола ба таҳлил ва баррасии таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун қадами нав дар рушди таълими ғоибона бахшида шудааст. Дар он нишон дода мешавад, ки истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ шароити дастрас ва самараноки омӯзишро дар масофа фароҳам меорад. Афзалияти асосии ин шакли таҳсил дар имконияти робитаи доимӣ миёни омӯзгор ва донишҷӯ тавассути платформаҳои омӯзишии онлайнӣ, вохӯриҳои виртуалӣ ва воситаҳои видеоалоқа зоҳир мегардад. Таъкид шудааст, ки таҳсилоти фосилавӣ на танҳо имкони азхудкунии донишро дар шакли озод ва инфиродӣ таъмин мекунад, балки рушди малакаҳои худомӯзӣ ва фаъолгардонии равандҳои интерактивиро низ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** таҳсилоти фосилавӣ, таълими ғоибона, технологияҳои иттилоотӣ, омӯзиши онлайн, худомӯзӣ, робитаи интерактивӣ.

**Аннотация.** Статья посвящена анализу дистанционного обучения как нового этапа развития образовательного процесса. Показано, что использование современных информационно-коммуникационных технологий обеспечивает доступность и эффективность учебного процесса на расстоянии. Основное преимущество этого формата заключается в постоянной связи между преподавателем и студентом через онлайн-платформы, виртуальные встречи и средства видеосвязи. Отмечается, что дистанционное обучение способствует не только усвоению знаний в индивидуальном режиме, но и развитию навыков самостоятельного обучения и интерактивного взаимодействия.

**Ключевые слова:** дистанционное обучение, обучение на расстоянии, информационные технологии, онлайн-обучение, самостоятельное обучение, интерактивное взаимодействие.

**Abstract.** The article is devoted to the analysis of distance learning as a new stage in the development of the educational process. It is shown that the use of modern information and communication technologies ensures accessibility and efficiency of learning at a distance. The main advantage of this format is the continuous interaction between the teacher and the student through online platforms, virtual meetings, and video communication tools. It is noted that distance learning contributes not only to the acquisition of knowledge individually, but also to the development of self-directed learning skills and interactive engagement.

**Keywords:** distance learning, remote education, information and communication technologies (ICT), online learning, self-directed learning, interactive engagement.

Таҳсилоти фосилавӣ тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ мебошад, ки ба донишҷӯён имконият медиҳад дар масофа, бе иштироки мустақими омӯзгор ва таълимгиранда, маълумотро аз худ намоянд. Ин шакли таҳсил, ҳамчун зинаи нави рушди таҳсили ғоибона ва ҳатто рӯзона, бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ таъмин мегардад. Фарқияти асосии он аз таҳсили ғоибона дар он аст, ки қисми зиёди маводи таълимӣ на танҳо соҳибихтиёрона, балки дар иртиботи доимӣ бо омӯзгор азхуд карда мешавад. Ин иртибот метавонад бо шаклҳои гуногун амалӣ гардад: машварат тавассути почтаи электронӣ, платформаҳои омӯзишии онлайнӣ, вохӯриҳо ва семинарҳо дар режими онлайн, инчунин истифодаи барномаҳои видеоалоқа ба мисли *Skype*, *Zoom* ва дигар воситаҳои муосир.

Таҳсилоти фосилавӣ на танҳо шароити муосирро барои дастрасӣ ба дониш фароҳам меорад, балки ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки бо истифода аз усулҳои интерактивӣ ва захираҳои электронии омӯзишӣ малакаҳои мустақилона омӯзишро низ инкишоф диҳад. Ҳамзамон, ин шакли таҳсил дорои хусусиятест, ки омӯзгор метавонад ҷараёни азхудкунии маводро назорат намуда, тавассути воситаҳои онлайн фикру мулоҳиза ва дастурҳои заруриро сари вақт пешниҳод намояд.

Бартарии дигари муҳими таҳсилоти фосилавӣ дар он аст, ки донишҷӯ вобаста ба имкониятҳои шахсӣ ва ҷадвали кору зиндагии худ метавонад вақти омӯзишро интихоб намояд. Ин хусусият, бахусус барои кормандон, шахсони дорои масъулияти оилавӣ ва ҳамчунин донишҷӯёни берун аз марказҳои таълимӣ муҳим аст, зеро имконият фароҳам меояд, ки онҳо бе қатъи фаъолияти корӣ ё дигар машғулиятҳо таҳсилро идома диҳанд.

Дар шароити ҷомеаи муосир ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ҳар як мутахассис бояд дар тӯли умр пайваста омӯзад. Таҳсилоти фосилавӣ ва истифодаи имкониятҳои интернетӣ шароити навро барои такмили ихтисос, бозомӯзӣ, гирифтани таҳсили дуюм ва омӯзиши мунтазам фароҳам меорад. Чуноне, ки дар сарчашмаҳои илмӣ дарҷ гардидааст: "Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, афзоиши назарраси ҳаҷми иттилооти коркардшаванда ва воридшавии компютер ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон омӯзиши фанни информатикаро ҳам дар мактаб ва ҳам дар донишгоҳҳо зарур гардонидааст. Замоне фаро расидааст, ки мутахассис – муҳандис, иқтисоддон, омӯзгор, ҳуқуқшинос, рӯзноманигор – бо душворӣ аз уҳдаи коркарди ҷараёни бузурги иттилоот мебарояд" [6, с.3].

Бо густариш ва паҳншавии технологияҳои интернетӣ имкониятҳои васеи таҳсилоти фосилавӣ ба вуҷуд омаданд. Имрӯз дар ҷаҳон курсҳои зиёди таълимии фосилавӣ фаъолият мекунанд ва шумораи донишгоҳҳое, ки ба ин шакли таълим машғуланд, рӯ ба афзоиш аст.

**Якчанд маълумотҳои ҷолиброметавонем ҳамчун мисоли мушаххас баррасӣ гардонем, масалан** буҷаи Донишгоҳи кушодаи Британияи Кабир зиёда аз 400 миллион фунтро ташкил медиҳад. Дар Донишгоҳи фосилавии Туркия зиёда аз нисфи донишҷӯёни кишвар таҳсил мекунанду донишгоҳи Агентии миллии Индонезия бештар аз 1 миллион донишҷӯ дорад. Инчунин 81% муассисаҳои таълимии ИМА ҳадди ақал як курси

фосилавиро пешниҳод менамоянд ва 67% муассисаҳои таълимии Иёлоти Муттаҳида дурнамои таҳсилоти фосилавиро ҳамчун самти муҳими рушд арзёбӣ мекунанд.

Аз лиҳози дар боло зикршуда метавонем қайд кунем, ки рушди системаи таҳсилот яке аз паҳлуҳои муҳими сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва дар ин росто таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун амри қобили таваҷҷӯҳи нақшаи стратегии ислоҳоти мазкур дониста мешавад [1, с. 85].

Истилоҳи "таҳсилоти фосилавӣ" чунин шакли омӯзишро ифода мекунад, ки дар он омӯзгор барномаи таълимиеро кор карда мебарояд, ки асосан ба омӯзиши мустақилонаи донишҷӯ такя мекунад. Чунин воситаи омӯзиш бар он асос ёфтааст, ки хонандагон асосан аз омӯзгорон ҷудо ва дар фазои дур аз ҳам қарор дошта, дар як вақт донишҷӯ ва муаллим имкони ба амал баровардани гуфтугӯи байниҳамдигарро тавассути воситаҳои телекоммуникатсионӣ соҳибанд. Таҳсилоти фосилавӣ имкон медиҳад, ки аҳолии минтақаҳои дигар, ки дар он ҷо шароит барои тайёрии касбӣ ва гирифтани маълумоти олии босифат мавҷуд набуда, донишгоҳҳо фаъолият надоранд ва ё муаллимон барои омодагии фанҳои ҷудогона намерасанд, ба таҳсил фаро гирифта шаванд.

Аз миёнаҳои солҳои 70-ум дар бисёр аз мамлакатҳо муассисаҳои таълимии типи нав ба миён омаданд, ки онҳо донишгоҳҳои «кушода», «фосилавӣ» ё ин ки коллеҷҳои «электронӣ», «виртуалӣ» ном гирифтанд. Онҳо сохтори хоси ташкилӣ дошта, маҷмӯи усулҳои педагогӣ ва механизмҳои иқтисодии фаъолиятро соҳиб мебошанд. Албатта таҳсилоти фосилавӣ камбудӣ ва бартариҳои худро дорост. Якчанд афзалиятҳои таҳсилоти фосилавиро метавонем маҳди назар қарор диҳем, яъне:

- донишҷӯ метавонад барномаи омӯзиширо интихоб кунад, маълумоти олии дигар шаҳрро гирад ва эҳтиёҷи ба онҷо омадан нест;
- донишҷӯ метавонад муассисаи таълимиро интихоб кунад, ҳатто агар он дар хориҷи кишвар ҷойгир бошад;
- донишҷӯ бо курсҳои омӯзишӣ алоқамандӣ надорад ва вай метавонад кор ва таҳсилотро озодона муттаҳид созад;
- донишҷӯ ҳамин тариқ, масъалаи чӣ гуна ба дарсҳо иштирок карданро ҳал мекунад, агар ҳолати физикии вай онро (муваққатан ё доимӣ) иҷозат надиҳад;
- донишҷӯ метавонад маводҳои омӯзиширо дар вақти муносиб дидан кунад, ки ин ба таҳлили маводҳои омӯзишӣ мусоидат мекунад.

Бояд якчанд камбудиҳои таълими фосилавиро ба назар гирифт, аз ҷумла набудани муоширати бевосита байни донишҷӯён ва муаллим дар мадди аввал буда метавонад. Вақте, ки шахс дар масофаи дур қарор дорад ва наметавонад дониши худро исбот кунад ин камбудии ҷиддӣ дар раванди таълим мебошад. Фароҳам овардани фазои ороишӣ ба гуруҳӣ донишҷӯён мушкил аст. Дастраси ба компютери фардӣ ва шабакаи интернет низ метавонад дастрас набошад. Зарурияти доимӣ ба манбаъҳои иттилоотӣ низ ба вуҷуд омада метавонед, чунки мо ба таҷҳизоти хуби техникӣ ниёз дорем, аммо на ҳамаи онҳое, ки мехоҳанд таҳсил кунанд, дорои компютер ва дастрасӣ ба Интернет ҳастанд.

Илова бар бартариҳои зиёди таҳсилоти фосилавӣ, як қатор мушкилоти ҷиддӣ низ ҷой доранд, ки дар роҳи самаранокии он монеа эҷод мекунанд. Яке аз проблемаҳои калидии омӯзиш дар Интернет масъалаи тафтиши дониши истифодабаранда мебошад. Азбаски барномаҳои фосилавӣ то имрӯз ҳалли технологии комилан оптималӣ пешниҳод

накардаанд, дар бисёр ҳолатҳо барои санҷиши воқеии дониши донишҷӯён гузаронидани имтиҳонҳо дар шакли рӯзона (анъанавӣ) зарур мегардад.

Ғайр аз ин, таҳсилоти фосилавӣ талабот ба як қатор шароити психологии инфиродиро ба миён мегузорад. Барои самаранок гузаронидани таълими фосилавӣ назорати қатъӣ аз болои фаъолияти таълимгирандагон, сатҳи дониш ва қобилияти мустақилона кор кардан лозим аст. Дар акси ҳол, донишҷӯён бештар ба гирифтани иттилооти назариявӣ маҳдуд гашта, эҳсоси омӯзиши амалӣ дар онҳо суст мегардад.

Модели мушкилоти асосӣ дар таҳсилоти фосилавиро метавон мавриди баррасӣ қарор дод (расми 1.):




**Расми 1. Мушкилоти асосӣ дар таҳсилоти фосилавӣ**

Чихел... овардашуда ... илоти техникӣ ин дастра... нет, сатҳи па... инфрасохтор. Мушкилот... дани барнома... рҳои методӣ, истифодаи нокифояи стандартҳои байналмилалӣ. Мушкилоти кадрӣ: сатҳи пасти дониши компютерии баъзе омӯзгорон ва донишҷӯён, набудани таҷрибаи кофӣ дар истифодаи шаклҳои фосилавии таълим. Мушкилоти назорат: мураккабии санҷиши объективии дониш, зарурати гузаронидани имтиҳонҳои анъанавӣ. Мушкилоти психологӣ: кам шудани ангезаи дохилӣ, эҳсоси танҳоӣ, набудани муҳити омӯзиши зинда ва таҷрибаи амалии мустақим.

Илова бар бартариҳои зиёди таҳсилоти фосилавӣ, якчанд мушкилоти муваққатӣ низ вуҷуд доранд, ки раванди амалигардонии онро то андозае душвор месозанд. Аз ҷумла, набудани дониши кофии компютерӣ дар байни қисми омӯзгорон ва донишҷӯён, таҷрибаи нокифояи истифодаи усулҳои омӯзиши фосилавӣ ва инчунин маҳдуд будани

барномаҳои таълимӣ ва методологӣ дар ин самт аз ҷумлаи чунин мушкилот ба ҳисоб мераванд. Ҳамчунин, дар бисёре аз мавридҳо истифодаи стандартҳои таълимии байналмилалӣ дар раванди таҳсилоти фосилавӣ пурра амалӣ намешавад, ки ин низ як омилест барои коҳиши самаранокии таълим.

Бо вуҷуди ин камбудиҳо, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ шароити заруриро барои густариши таҳсилоти фосилавӣ фароҳам меорад. Омӯзгорон ва донишҷӯён, бо такмили малакаҳои компютерӣ ва истифодаи самараноки захираҳои электронӣ, метавонанд монеаҳои мавҷударо бартараф намуда, аз имкониятҳои фаровони ин шакли таҳсил баҳраманд шаванд. Таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун падидаи муосир ва самаранок дар низоми маориф имкон медиҳад, ки равандҳои таълимӣ аз маҳдудиятҳои замон ва макон озод гарданд. Бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ донишҷӯ метавонад дар ҳар ҷо ва ҳар вақт маводи таълимиро аз худ намояд, бо омӯзгор иртиботи мустақим барқарор кунад ва ҳамзамон малакаҳои мустақилона омӯхтанро рушд диҳад. Албатта, мушкилоти марбут ба набудани таҷриба, барномаҳои методологӣ ва сатҳи пасти дониши техникии баъзе омӯзгорон ва донишҷӯён то ҳол вуҷуд доранд, аммо онҳо хусусияти муваққатӣ дошта, бо рушди инфрасохтор, омодасозии кадрҳо ва мутобиқгардонии барномаҳои таълимӣ тадриҷан бартараф хоҳанд шуд.

Ҳамин тавр, таҳсилоти фосилавӣ на танҳо идомаи мантиқии таҳсили ғоибона аст, балки ҳамчун зинаи нави таълим дар ҷаҳони муосир мақоми устувор касб мекунад. Он метавонад ба рушди дониш ва малакаҳои касбӣ мусоидат намояд ва барои баланд бардоштани сифати таҳсил дар Тоҷикистон ва ҷаҳон нақши муассир бозад.

## Адабиётҳои истифодашуда:

1. Рахимов, Н.Т. Дистанционное образование в Худжанде/Н.Т.Рахимов //Образование: стратегия перемен /Материалы научно-практической конференции ТТУ. – Душанбе, 2000. – С.85-86;
2. Червякова, Ирина Викторовна. Массовые открытые онлайн курсы: исследование отсева обучающихся / [И. В. Червякова ; отв. за вып. М. В. Артамонова] ; Федер. ин-т развития образования. - Москва : ФИРО, 2016. - 56 с.
3. Вайндорф-Сысоева, Марина Ефимовна. Методика дистанционного обучения: учебное пособие для вузов: учебное пособие для вузов по всем направлениям: рек. УМО вузов РФ / М. Е. Вайндорф-Сысоева, Т. С. Грязнова, В. А. Шитова; под общ. ред. М. Е. Вайндорф-Сысоевой. - Москва: Юрайт, 2017. - 194 с.
4. Лебедев В. Э. Опыт использования электронного образовательного ресурса по дисциплине // Дистанционное и виртуальное обучение. - 2009. - N 8. - С. 10-22.
5. Симонов, Валентин Петрович. Педагогика и психология высшей школы: инновационный курс для подготовки магистров: учебное пособие: рек. УМО вузов РФ / Симонов, Валентин Петрович; В. П. Симонов. - Москва: Вузовский учебник: ИНФРА-М, 2015. - 320 с.
6. Хасанов Ю.Х., Махкамов Ф.М. Информатика и программирование: Теория и практикум. Душанбе, Маориф, 2019. – 280 стр.

7. Ситаров, Вячеслав Алексеевич. Теория обучения: теория и практика: учебник для бакалавров: учебник для вузов по гуманитар. направлениям и специальностям: доп. УМО вузов РФ / Ситаров, Вячеслав Алексеевич; В. А. Ситаров ; Моск. гуманитар. ун-т. - Москва : Юрайт, 2014. - 447 с.
8. Современные педагогические и информационные технологии в системе образования: [в 2 кн.] ; монография. - Новосибирск: ЦРНС, 2013. - табл. - (Центр развития научного сотрудничества). [Кн. 1]: / [И. В. Докучаева и др.]. - 2013. - 246 с